# Шарҳи моҳонаи таваррум • Апрели 2017

**Дар моҳи апрели соли 2017 сатҳи таваррум ба 1,2 фоиз баробар шуд, ки он нисбат ба моҳи марти соли ҷорӣ 0,3 банди фоизӣ (б.ф.) коҳиш ёфт. Сатҳи таварруми солона дар моҳи апрел нисбатан афзоиш ёфта, 8,1 фоизро ташкил дод, ки дар муқоиса ба моҳи қаблӣ 0,8 б. ф. зиёд аст.** Омилҳои асосии ба ин раванд таъсиррасон аз коҳишёбии истеҳсол ва кам пешниҳод гардидани маҳсулоти асосии кишоварзӣ, омилҳои мавсимӣ ва қурбӣ иборат буданд.

Инчунин бояд қайд намуд, ки афзоиши ҳаҷми пул дар соли 2016 дар натиҷаи тағйиротҳо дар бозори асъори хориҷӣ ва сармоякунонии бонкҳои муаммодор ҳамчун таъсири омили монетарӣ ба болоравии қурби асъори хориҷӣ ва фишорҳои қурбӣ ба таваррум мусоидат намуд.

Дар сохтори таваррумӣ ҳосилшуда дар моҳи апрел болоравии нархи маҳсулоти хӯроквopӣ 1,8 фоиз (саҳми он 1,05 б.ф.) маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ 0,3 фоиз (0,12 б.ф.) ва арзиши хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ 0,3 фоиз (0,04 б.ф.) таъсир расониданд. Таваррумӣ моҳи апрел (1,2 фоиз) маҳз аз ҳисоби болоравии нархи гӯшти гов (0,4 б.ф.), сабзавот (0,2 б.ф.), орди навъи 1-ум (0,2 б.ф.), шакар (0,2 б.ф.) ва маҳсулоти сӯзишворӣ (0,1 б.ф.) ба амал омад. Агар ба болоравии нархи гӯшти гов ва сабзавот истеҳсоли нокифояи ин маҳсулотҳо сабабгор шуда бошад, пас ба болоравии нархи орди навъи 1-ум, шакар ва маҳсулоти сӯзишвории нақлиётӣ таъсири қурбӣ ва ё монетарӣ боис гардид.

Тибқи мушоҳидаҳо ва бо назардошти мунтазам зиёд шудани ҳосили сабзавоту меваҷот, ба эътидол омадани вазъ дар бозори дохилии асъор ва тағйирёбии мӯътадилии сатҳи нархҳои ҷаҳонӣ, коҳишёбии нисбии сатҳи таваррум дар моҳҳои минбаъда пешбинӣ карда мешавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вобаста ба тамоюлҳои дар моҳҳои феврал ва апрели соли равон ба амал омада, аз ҷумла таъсири пешниҳоди нокифояи сабзавот ва фишорҳои қурбӣ дурнамои сатҳи таваррум дар давраи кӯтоҳмуҳлат, яъне то охири соли ҷорӣ метавонад аз 7,0 фоиз зиёд шавад. Аз ин лиҳоз, Бонки миллиии Тоҷикистон бо мақсади дар давраи миёнамуҳлат дар доираи ҳадаф нигоҳ доштани сатҳи таваррум сиёсати қатъии монетариро идома медиҳад.

**Таваррумӣ аслӣ[2], ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд, дар моҳи апрел раванди тағйирёбии мӯътадил дошта, бо арзёбии солона ба 1,8 фоиз баробар шуд.** Ба ин раванд нисбатан мӯътадил будани сатҳи нархҳои маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ ва маҳсулоти тайёри хурокворӣ бештар саҳмгузорӣ намуданд.

**Ҳамзамон, омилҳои дар боло зикргардида ба афзоиши қисмати ғайриаслии таваррум (гурӯҳи нархҳои истеъмолие, ки дар ҳисоби таваррумӣ аслӣ истисно**

Таваррумӣ моҳона ва солона, бо %

(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




Таваррумӣ солона ва саҳми сохтории он, бо %

(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)






**мегарданд) мусоидат намуданд.** Дар сохтори таварруми ғайриаслӣ нархҳои маҳсулоти хӯрокворӣ, асосан аз ҳисоби болоравии назарраси сатҳи нархҳои гӯшти гов (6,8% м/м ё 8,3% с/с), орди навъи 1-ум (1,9% м/м ё 1,8% с/с), шакар (7,5% м/м ё 13,6% с/с), картошка (-2,7% м/м ё 84,2% с/с), пиёз (1,7% м/м ё 66,1% с/с) ва сабзӣ (36,3% м/м ё 67,1% с/с), раванди афзоишёбӣ доштанд. Дар навбати худ нархҳои, карам (-8,0% м/м ё 22,3% с/с), шир (-8,0% м/м ё 0,7% с/с), ва биринҷ (-1,5% м/м ё -13,5% с/с) дар моҳи апрел коҳиш ёфтанд.

Инчунин, афзоиши нархи гази моеъ (5,1% м/м ё 22,6% с/с) ва бензин А-92 (7,7% м/м ё -27,1% с/с) вобаста ба афзоиши қурби доллари ИМА ба амал омада, нархи хизматрасониҳо бошад, нисбат ба моҳи қаблӣ бинобар қиматшавии нархи гази моеъ (5,1% м/м ё 21,3% с/с) ва хизматрасонии манзилию коммуналӣ (1,0% м/м ё 13,3% с/с) ба вуқӯъ пайваст.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади пешгирии фишорҳои таваррумӣ сиёсати қатъии пулию қарзиро амалӣ намуда, тамоми имкониятҳоро дар доираи ваколатҳои худ бахри нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳо дар давраи миёнамуҳлат равона хоҳад намуд.**

**Таварруми аслӣ ва ғайриаслӣ, солона бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)







[1] - м/м –моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)
- с/с – сол нисбат ба сол (тағйирёбии солона)

[2] - Таварруми аслӣ бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили ҷараёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷ икистон ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таварруми умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таварруми аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таварруми аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёд дошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабади намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таварруми аслӣ маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, маводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

*манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ*

| | Вазн,% 2017 | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | | | | | | | | | 2017 | | | | |
| | | | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | Сентябр | Октябр | Ноябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | Апрел | Апрел, моҳона |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **5,5** | **5,3** | **5,6** | **6,1** | **6,4** | **6,4** | **6,1** | **6,2** | **6,1** | **5,3** | **5,9** | **7,3** | **8,1** | **1,2** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **55,4** | **3,8** | **2,9** | **2,2** | **3,8** | **5,0** | **5,0** | **4,8** | **5,3** | **5,7** | **6,4** | **4,8** | **6,0** | **8,8** | **10,2** | **1,9** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 19,2 | 9,1 | 0,8 | 1,4 | 0,5 | -0,7 | -1,5 | -1,5 | -0,9 | -1,3 | -2,5 | -5,2 | -4,1 | -2,5 | -1,0 | 0,9 |
| Биринҷ | 3,3 | 11,6 | 4,1 | 0,4 | -0,9 | -4,7 | -5,2 | -4,6 | -5,4 | -8,0 | -9,2 | -8,6 | -9,5 | -13,3 | -13,5 | -1,5 |
| Орд | 11,9 | 7,8 | -3,4 | -1,5 | -2,6 | -3,0 | -4,2 | -4,3 | -3,0 | -2,8 | -3,0 | -7,2 | -5,0 | -1,0 | 1,8 | 1,9 |
| Ярмагӣ | 0,4 | 14,1 | 19,5 | 27,2 | 30,1 | 24,7 | 27,0 | 24,6 | 23,4 | 19,8 | 15,2 | 14,2 | 15,1 | 8,4 | 0,2 | -1,6 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 9,0 | -10,2 | -5,2 | -5,0 | -4,9 | -4,5 | -2,5 | -2,4 | -2,1 | -0,8 | 3,7 | 3,9 | 2,4 | 1,8 | 7,2 | 5,3 |
| Гӯшти гов | 5,9 | -14,3 | -8,4 | -8,4 | -8,4 | -7,9 | -5,2 | -5,2 | -5,0 | -3,4 | 3,2 | 3,5 | 1,2 | 1,3 | 8,3 | 6,8 |
| Тухм | 1,5 | 5,5 | -0,8 | 3,9 | 5,0 | 4,9 | 4,3 | -0,8 | 18,3 | 20,8 | 12,0 | 15,4 | 16,7 | 7,8 | 12,8 | 1,7 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 2,7 | 4,0 | 3,5 | 4,2 | 4,9 | 4,2 | 5,5 | 1,8 | 0,4 | 2,8 | 3,7 | 5,1 | 3,7 | -3,3 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -1,8 | 1,7 | -0,7 | 0,8 | 2,0 | -0,1 | 3,4 | -6,3 | -7,2 | -1,7 | 3,4 | 5,0 | 0,7 | -8,0 |
| Равғани растанӣ ва ҳайвонот | 5,3 | 12,7 | 17,6 | 15,6 | 15,7 | 15,4 | 13,9 | 11,9 | 11,3 | 10,3 | 11,3 | 6,1 | 5,8 | 6,0 | 6,2 | 0,4 |
| Мевачот | 4,4 | 12,3 | 14,3 | 10,7 | 9,5 | 13,0 | 22,3 | 31,0 | 29,1 | 20,7 | 16,7 | 16,6 | 12,2 | 4,6 | 0,2 | 0,3 |
| Сабзавот | 7,1 | -12,4 | -12,0 | -14,0 | -0,5 | 13,1 | 9,0 | 5,5 | 2,7 | 8,9 | 16,5 | 18,6 | 30,1 | 58,2 | 57,2 | 2,6 |
| Шакар | 2,1 | 19,3 | 24,6 | 27,0 | 27,9 | 21,9 | 21,9 | 21,8 | 22,7 | 19,9 | 15,0 | 1,0 | 3,4 | 5,2 | 13,6 | 7,5 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,1 | 13,7 | 20,3 | 23,5 | 24,0 | 22,0 | 20,2 | 20,2 | 20,1 | 19,2 | 19,9 | 14,2 | 13,8 | 10,4 | 9,5 | 0,1 |
| **Хӯроки умумӣ*** | **0,9** | **14,9** | **11,7** | **11,7** | **11,7** | **13,9** | **13,9** | **20,4** | **19,4** | **16,5** | **19,9** | **19,9** | **17,9** | **17,9** | **17,9** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,5** | **15,9** | **19,1** | **23,0** | **19,5** | **17,1** | **16,1** | **15,4** | **16,0** | **14,9** | **11,8** | **12,2** | **10,0** | **9,1** | **8,6** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **27,4** | **7,9** | **9,7** | **10,3** | **9,4** | **8,1** | **8,2** | **8,1** | **7,5** | **6,6** | **5,7** | **5,2** | **5,0** | **4,4** | **4,6** | **0,3** |
| Либос ва пойафзол | 9,3 | 9,2 | 16,5 | 18,6 | 18,5 | 17,2 | 17,3 | 16,9 | 16,6 | 15,4 | 14,5 | 14,8 | 14,0 | 12,8 | 11,8 | -0,2 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,4 | 2,2 | 0,1 | 0,2 | 0,2 | -0,1 | -1,6 | -1,8 | -0,8 | -1,1 | -0,9 | 0,0 | 0,1 | 0,0 | 0,5 | -0,2 |
| Маводи шустушӯй | 1,7 | 15,5 | 9,2 | 8,7 | 8,7 | 7,8 | 6,5 | 6,5 | 6,0 | 4,3 | 1,2 | 1,6 | 1,6 | 1,1 | 1,1 | 0,0 |
| Доруворӣ | 2,7 | 24,7 | 32,6 | 32,0 | 24,8 | 15,3 | 16,0 | 16,0 | 15,6 | 18,1 | 14,1 | 12,9 | 7,4 | 3,9 | 3,8 | -0,2 |
| Сӯзишвории нақлиётӣ | 2,1 | -7,0 | 10,8 | 11,6 | 2,3 | 2,4 | 7,9 | 10,5 | 8,6 | 3,3 | 2,9 | -1,1 | 6,8 | 14,7 | 21,5 | 5,4 |
| Сӯзишвории сахт | 1,4 | 19,0 | 17,1 | 17,1 | 17,1 | 17,1 | 17,1 | 17,1 | 6,1 | 3,7 | 3,0 | 3,5 | 4,4 | 2,5 | 2,5 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 0,7 | -2,0 | -0,4 | -0,4 | -0,4 | -0,4 | -0,4 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодаба | 1,3 | 7,6 | 9,4 | 9,7 | 9,7 | 9,1 | 7,6 | 6,0 | 8,4 | 7,9 | 7,1 | 6,8 | 5,3 | 5,1 | 5,0 | 0,0 |
| **Хизматрасониҳо** | **14,8** | **2,2** | **4,6** | **4,8** | **2,8** | **4,4** | **6,3** | **7,0** | **4,4** | **5,4** | **4,5** | **5,0** | **5,8** | **6,2** | **6,3** | **0,3** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,1 | 3,2 | 2,7 | 2,5 | 1,2 | 2,5 | 5,2 | 5,8 | 5,4 | 11,1 | 9,8 | 6,7 | 9,6 | 12,4 | 13,3 | 1,0 |
| Иҷорапулии манзил | 0,1 | 14,3 | 12,3 | 12,3 | 9,7 | 9,7 | 9,7 | 5,9 | 5,7 | 2,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Обтаъминкунӣ ва партовбарорӣ | 0,6 | 20,1 | 2,3 | 2,3 | 2,3 | 2,3 | 2,3 | 2,3 | 5,1 | 5,1 | 5,1 | 6,6 | 9,8 | 7,3 | 7,3 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,8 | 0,0 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 28,6 | 28,6 | 16,3 | 16,3 | 16,3 | 16,5 | 0,2 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,0 | -6,3 | 0,9 | 0,3 | -8,6 | -5,5 | 4,9 | 9,4 | 6,9 | -2,2 | -6,6 | -9,4 | 0,9 | 13,5 | 17,5 | 4,4 |
| Нақлиёт | 4,1 | -2,3 | 7,6 | 7,5 | 3,5 | 6,9 | 10,2 | 10,0 | 2,3 | 0,2 | -1,4 | 1,7 | 1,4 | 0,2 | -0,3 | -0,2 |
| Алоқа | 1,8 | 0,8 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 0,0 |
| Маориф | 1,5 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 12,1 | 11,8 | 11,3 | 11,3 | 15,0 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 14,0 | 7,0 | 7,0 | 4,3 | 4,3 | 4,3 | 3,7 | 3,4 | 1,9 | 1,9 | 3,6 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 0,0 |

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо*